# ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ИНТИХОБОТИ ВАКИЛОН БА МАҶЛИСҲОИ МАҲАЛЛИИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚ

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 12, мод. 298; с. 2007, № 5, мод. 353; с. 2012, № 8, мод. 813; с. 2014, № 7, қ. 1, мод. 383; № 11, мод. 640; с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 269)**

(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 12.05.2007 № 257, аз 01.08.2012 № 898, аз 26.07.2014 № 1087, аз 27.11.2014 № 1133, аз 30.05.2017 № 1412, аз 19.07.2019 № 1640, аз 03.01.2024 № 2016)

## 1. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Принсипҳои асосии интихобот**

Интихобот ба Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар ҳавзаҳои ҳудудии якмандатии интихобот дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар ва мустақиман бо овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати панҷ сол гузаронида мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 1(1). Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни конститутсионии мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 30.05.2017 № 1412)*.

**Моддаи 2. Ҳуқуқи умумии интихобот**

Интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия умумӣ аст. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рӯзи интихобот синнашон ба 18 расидааст, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро доранд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

Шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот иштирок кардан надоранд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як вақт вакили беш аз ду мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ буда наметавонад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 3. Ҳуқуқи баробари интихобот**

Интихобкунандагон дар асоси ҳуқуқи баробар дар интихобот иштирок мекунанд ва ҳар кадоми онҳо як овоз доранд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 4. Ҳуқуқи бевоситаи интихобот**

Вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз тарафи шаҳрвандон мустақиманан интихоб карда мешаванд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 5. Овоздиҳии пинҳони**

Овоздиҳи дар интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ озодона ва пинҳонӣ мебошад. Назорат ба изҳори иродаи интихобкунандагон манъ аст.

**Моддаи 6. Ошкорбаёни ҳангоми тайёрӣ ва гузаронидани интихобот**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*

Тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз тарафи комиссияҳои интихобот шаффоф ва ошкоро сурат мегирад ва дар воситаҳои ахбори омма инъикос мегардад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016)*.

Комиссияҳои интихобот ба шаҳрвандон аз кори худ, аз таъсиси ҳавзаҳо ва участкаҳои интихобот, ҳайат, ҷою соати корашон ва аз рӯйхати интихобкунандагон хабар медиҳанд.

Комиссияҳои интихобот натиҷаи бақайдгирии номзадҳоро ба вакилӣ, шарҳи ҳоли номзадҳои бақайдгирифта, натиҷаи овозҳои гирифтаи ҳар номзад ва ҷамъбасти интихоботро ба маълумоти шаҳрвандон мерасонанд. Дар маҷлисҳои комиссияҳои интихобот, дар бинои овоздиҳӣ дар рӯзи интихобот ва ҳангоми ҳисобкунии овозҳо як нафари намоянда (мушоҳид) аз ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзадҳоро ба вакилӣ пешниҳод кардаанд, шахсони боэътимоди номзадҳои мустақил, намояндаҳои матбуот, телевизион ва радио ҳузур дошта метавонанд. Ваколатҳои онҳо бояд бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ карда шуда бошанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016)*.

Ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзадҳоро ба вакилӣ пешбарӣ кардаанд, дар бораи намояндагони худ камаш панҷ рӯз пеш аз интихобот ба комиссияҳои ҳавзавии интихобот хабар медиҳанд.

Ба рафти овоздиҳӣ ва ба фаъолияти комиссияҳои интихобот дахолат кардани намояндагон ва мушоҳидон мумкин нест. Онҳо метавонанд бо иҷозати раиси комиссияи дахлдори интихобот савол диҳанд ва шарҳи онро талаб намоянд, диққати аъзоёни комиссия ва хозиронро ба роҳ ёфтани вайронкунии Қонуни конститутсионии мазкур ҷалб созанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016)*.

Воситаҳои ахбори омма рафти тайёрии интихобот ва гузаронидани он, инчунин қарорҳои комиссияҳои интихоботиро инъикос мекунанд.

## II. ҲАВЗАҲО ВА УЧАСТКАҲОИ ИНТИХОБОТ

### Моддаи 7. Ташкил кардани ҳавзаҳои интихобот

Барои интихоботи вакилон миқдори зерини ҳавзаҳои ҳудудии интихобот ташкил карда мешаванд:

ба Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе - на бештар аз 70 ҳавзаи интихобот;

ба Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳр, ноҳия - на бештар аз 40 ҳавзаи интихобот.

Аз ҳар ҳавзаи интихобот як вакил ба Маҷлиси дахлдори вакилони халқ интихоб карда мешавад.

Миқдори ҳавзаҳои интихоботро барои интихоботи Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба ҳадди меъёри муқарраркардаи Қонуни конститутсионии мазкур Маҷлиси дахлдор бо назардошти шумораи интихобкунандагон, ҳудуд ва шароити дигари маҳаллӣ муқаррар менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Ҳавзаҳои интихоботро комиссияи дахлдори интихоботи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия одатан бо шумораи баробари интихобкунандагон ташкил медиҳад. Ҳудуди ҳавзаҳои интихобот бо назардошти сохтори ҳудудии вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо бо ризоияти раисони дахлдор муайян карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

Рӯйхати ҳавзаҳои интихоботро, ки дар он ҳудуд ва шумораи интихобкунандагон зикр ёфтааст, комиссияи дахлдори интихобот на дертар аз 15 рӯзи баъди таъин гардидани интихобот чоп мекунад.

### Моддаи 8. Тартиб ва меъёри ташкил кардани участкаҳои интихобот

Участкаҳои интихобот бо назардошти ҳудуди шаҳру ноҳияҳо, ноҳияҳои шаҳр бо мақсади муҳайё сохтани шароити муносиб барои интихобкунандагон ташкил карда мешаванд.

Участкаҳои интихобот дар санаторияву хонаҳои истироҳат, беморхонаҳо ва табобатгоҳҳои дигари доимӣ, дар ноҳияҳои дурдасту душворгузари маҳаллӣ, маҳалли

сукунати шаҳрвандон ташкил шуда метавонанд. Ин участкаҳои интихобот ба ҳавзаҳои интихоботи махалли ҷойгиршавии онҳо дохил мешаванд.

Участкаҳои интихобот аз тарафи комиссияҳои интихоботи шаҳр, ноҳия бо пешниҳоди раисони шаҳру ноҳияҳо ташкил карда мешаванд.

Участкаҳои интихобот на дертар аз рӯзи бисту панҷуми баъди таъин гардидани интихобот ташкил карда мешаванд. Дар ноҳияҳои дурдаст ва душворгузар участкаҳои интихобот дар ҳамон мӯҳлат, дар мавридҳои истисно бошад, панҷ рӯз пеш аз интихобот ташкил карда мешаванд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Участкаҳои интихобот одатан бо шумораи на камтар аз 20 нафар ва на бештар аз 3000 нафар интихобкунанда ташкил карда мешавад.

Бинои овоздиҳии ҳар участкаи интихоботро раиси шаҳру ноҳия муайян мекунад.

Комиссияи интихоботи шаҳру ноҳия участкаи интихоботро рақамгузорӣ мекунад ва дар бораи ҳудуди ҳар участкаи интихобот бо зикри маҳалли комиссияи участкавии интихобот ва бинои овоздиҳӣ ба интихобкунандагон хабар медиҳад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

## III. КОМИССИЯҲОИ ИНТИХОБОТӢ

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*

**Моддаи 9. Низоми комиссияҳои интихобот**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*

Барои ташкил ва гузаронидани интихоботи Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, комиссияҳои зерини интихобот таъсис дода мешаванд:

комиссияи вилоятии интихобот оид ба интихоботи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*;

комиссияи шаҳрии интихобот оиди интихобот ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе;

комиссияи шаҳрии интихобот оид ба интихоботи Маҷлиси вакилони халқи шаҳр *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*;

комиссияи ноҳиявии интихобот оид ба интихоботи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*;

комиссияҳои ҳавзавии интихобот;

комиссияҳои участкавии интихобот.

Роҳбарии умумӣ, назорати ташкил ва гузаронидани интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 10. Ташкили комиссияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявии интихобот**

Комиссияҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии интихобот ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқро Маҷлисҳои дахлдори вакилони халқ бо пешниҳоди раиси вилоят, шаҳр ва ноҳияи дахлдор на дертар аз рӯзи даҳуми баъди таъин гардидани интихобот дар ҳайати 7-13 аъзои комиссия ташкил менамоянд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 27.11.2014 № 1133 аз 19.07.2019 № 1640)*.

Раис, муовини раис ва котиби комиссия аз ҷумлаи аъзоёни он дар аввалин маҷлиси он интихоб карда мешаванд. Комиссияи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии интихобот дар бораи ҳайат, нишони ва рақамҳои телефони худ дар нашрияҳои маҳаллӣ маълумот чоп мекунад.

**Моддаи 11. Ваколатҳои комиссияи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявии интихобот**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*

Комиссияи интихобот ба Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*:

- ба иҷрои Қонуни конститутсионии мазкур дар ҳудуди дахлдор назорат менамояд, татбиқи якхелаи онро таъмин мекунад ва оид ба масъалаҳои ташкили интихобот тавзеҳот медиҳад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1412, аз 03.01.2024 № 2016);*
- оид ба интихоботи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия мувофиқан ҳавзаҳои интихоботӣ ташкил медиҳад, онҳоро номгузорӣ ва рақамгузорӣ мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*;
- комиссияҳои ҳавзавии интихоботро ба Маҷлиси дахлдори вакилони халқ ташкил медиҳад ва дар бораи маҳалли ҷойгиршавии онҳо маълумот чоп мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*;
- кори комиссияҳои дахлдори интихоботро танзим мекунад, тартиби ба ҳайати онҳо дохил намудани тағйиротро муайян менамояд, метавонад мустақилона ё бо пешниҳоди прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия қарорҳои комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихоботро дар сурате, ки хилофи Қонуни конститутсионии мазкур бошанд, бекор кунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*;
- ба номзадҳо барои иштирок дар маъракаи интихобот шароити баробарро таъмин менамояд;
- маблағро ба комиссияҳои интихобот тақсим менамояд, бо биною нақлиёт ва воситаҳои алоқа таъмин кардани комиссияҳои интихоботро назорат мекунад ва дигар масъалаҳои таъминоти моддию техникии интихоботро баррасӣ менамояд;
- аз рӯи шакли муқаррарнамудаи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ тайёр намудани бюллетенҳои интихоботро ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, руйхати интихобкунандагон, протоколҳои комиссияҳои интихобот, варақаҳои интихоботӣ, мӯҳри худ, дигар ҳуҷҷатҳои интихоботро таъмин мекунад;
- аз комиссияҳои ҳавзавии интихобот протоколҳои қайди номзадҳоро ба вакилӣ гирифта, ҳамчунин протоколҳои натиҷаи интихоботи вакилони Маҷлиси дахлдорро дар бораи ҳайати номзадҳои вакилони аз қайд гузаштаи Маҷлиси дахлдор ахбор чоп мекунад;
- ахбори намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро оид ба масъалаҳои тайёрӣ ва гузаронидани интихобот мешунавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*;
- вакилони интихобшударо ба қайд мегирад, натиҷаи интихоботи Маҷлиси дахлдори вакилони халқро ҷамъбаст мекунад, дар матбуот оиди ҷамъбасти интихобот хабар ва рӯйхати вакилони интихобгардидаро чоп мекунад;
- масъалаҳои гузаронидани овоздиҳӣ ва интихоботи такрориро ҳаллу фасл менамояд;
- интихоботи вакилон ба Маҷлиси дахлдори вакилони халқро ба ҷои вакилони хориҷгардида таъин мекунад ва мегузаронад;
- арзу шикоятҳоро дар хусуси қарору амал (беамалӣ)-и комиссияҳои дахлдори интихобот дида мебароял ва аз рӯи онҳо қарор қабул мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016);*
- ба бойгонӣ супоридани ҳуҷҷатҳои вобаста ба ташкилу гузаронидани ва ташкили интихоботро таъмин мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*;
- ваколатҳои дигареро, ки Қонуни конститутсионии мазкур пешбинӣ намудааст, амалӣ менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 12. Ташкили комиссияи ҳавзавии интихобот**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 27.11.2014 № 1133)*

Комиссияи ҳавзавии интихобот аз тарафи комиссияҳои дахлдори вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии интихобот бо пешниҳоди раиси вилоят, шаҳр ва ноҳияи дахлдор на дертар аз 55 рӯз пеш аз интихобот дар ҳайати раис, муовини раис, котиб ва на камтар аз 8 аъзо ташкил карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 27.11.2014 № 1133, аз 19.07.2019 № 1640)*.

**Моддаи 13. Ваколатҳои комиссияи ҳавзавии интихобот**

Комиссияи ҳавзавии интихобот:

- иҷрои талаботи Қонуни конститутсионии мазкурро дар ҳудуди ҳавзаи интихобот назорат мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*;

- ба интихобкунандагон дар бораи маҳалли участкаҳои интихобот хабар медиҳад;

- ба номзадҳо ба вакилӣ барои иштирок дар маъракаи интихоботӣ шароити баробарро таъмин мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*;

- номзадҳои ба вакилӣ пешбаригардида, шахсони боэътимоди онҳоро ба қайд мегирад ва ба онҳо шаҳодатномаи дахлдор медиҳад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*;

- барои ташкили вохуриҳои номзадҳо ба вакилӣ ва интихобкунандагон мусоидат мекунад;

- ахбори комиссияҳои участкавӣ, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, роҳбарони ташкилотҳо ҳамчунин мақомоти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро вобаста ба масъалаҳои тайёрии интихобот ва гузаронидани он мешунавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*;

- аз тарафи комиссияҳои участкавии интихобот тартиб додан ва барои шиносоии умум пешниҳод кардани рӯйхати интихобкунандагонро назорат менамояд;

- матни бюллетени интихоботро аз рӯи ҳавзаи интихобот тасдиқ мекунад ва комиссияҳои участкавии интихоботро бо бюллетенҳои интихобот таъмин менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*;

- натиҷаи интихоботи ҳавзаро муқаррар ва ба комиссияи дахлдори вилоятӣ, шаҳрӣ ноҳиявии интихобот месупорад;

- натиҷаи интихоботро оид ба ҳавзаи интихобот муқаррар ва чоп карда, ба вакили интихобшуда шаҳодатнома медиҳад;

- овоздиҳии такрорӣ ва интихоботи такрорӣ, ҳамчунин интихоботи вакилонро ба ивази вакилони хориҷшуда ташкил менамояд;

- арзу шикоятҳоро аз хусуси қарорҳо ва фаъолияти комиссияҳои участкавии интихобот баррасӣ намуда, доир ба онҳо қарорҳо қабул мекунад;

- ваколатҳои дигарро тибқи Қонуни конститутсионии мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 14. Ташкил кардани комиссияи участкавии интихобот**

Комиссияи участкавии интихоботро комиссияи шаҳрӣ, ноҳиявии интихобот 45 рӯз пеш аз интихобот дар ҳайати 5-19 аъзо, аз ҷумла раис, муовини раис, котиб ташкил мекунад. Агар комиссия дар ҳайати 7 нафар ташкил шавад, раис ва котиб интихоб карда мешавад.

Дар сурати зарурат ҳайати аъзои комиссияи интихобот метавонад зиёд ва кам шавад.

**Моддаи 15. Ваколатҳои комиссияи участкавии интихобот**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*

Комиссияи участкавии интихобот:

- рӯйхати интихобкунандагони участкаро тартиб медиҳад;

- интихобкунандагонро бо рӯйхати интихобкунандагон шинос мекунад, аризаҳоро дар бораи саҳву ғалатҳои рӯйхат қабул ва баррасӣ менамояд ва масъалаи ба он дохил намудани тағйироти дахлдорро ҳал мекунад;

- аз интихобкунандагоне, ки дар рӯзи интихобот барои дар ҷои истиқомат будан ва дар овоздиҳӣ иштирок кардан имконият надоранд, лифофаҳои сарбастаи дорои варақаҳои интихоботро қабул мекунад;

- аҳолиро дар бораи маҳалли воқеъгаштаи комиссияи участкавии интихобот, вақти кори он, инчунин рӯзи интихобот ва ҷои овоздиҳӣ хабардор мекунад;

- бинои овоздиҳӣ ва қуттиҳои интихобот ва дигар таҷҳизоти интихоботро тайёр мекунад;

- овоздиҳиро дар рӯзи интихобот дар участкаи интихобот ташкил менамояд;

- овозҳои дар участкаи интихобот додашударо ҳисоб мекунад;

- арзу шикоятҳоро доир ба масъалаҳои тайёрӣ ба интихобот ва ташкили овоздиҳӣ баррасӣ карда, оид ба онҳо қарорҳо қабул мекунад;

- ваколатҳои дигарро тибқи Қонуни конститутсионии мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 16. Узвият дар комиссияҳои интихобот**

Узви комиссияи интихобот ҳангоми иҷрои ваколатҳояш бояд бетараф ва холис бошад, набояд дар фаъолияти ҳизби сиёсӣ иштирок кунад, супоришҳои онро иҷро намояд ва дар тарғибу ташвиқоти пешазинтихоботии номзадҳои бақайдгирифташуда ширкат варзад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 19.07.2019 № 1640)*.

Узви комиссияро аз рӯи аризаи шахсияш, ҳамчунин дар ҳолати маҳрум шудан аз ваколатҳояш аз иҷрои вазифа озод кардан мумкин аст.

Дар ҳолати талаботи Қонуни конститутсионии мазкурро риоя накардан ва мудом ба вазифаҳои худ беэътиноӣ намудани узви комиссия ҳуқуқи аз ваколатҳояш маҳрум кардани ӯ ба мақоме тааллуқ дорад, ки ин комиссияро таъсис додааст *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Дар сурати зарурат узви нави комиссияи интихобот мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни конститутсионии мазкур таъйин карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Номзад ба вакилии Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ, узви комиссияи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявии интихобот, инчунин комиссияи ҳавзавӣ ё участкавии интихобот, ки овоздиҳиро дар ҳамон ҳавза ё участкаи интихоботӣ ташкил мекунад, буда наметавонад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 27.11.2014 № 1133)*.

Як шахс метавонад узви танҳо як комиссияи интихобот бошад.

**Моддаи 17. Ташкили кори комиссияҳои интихобот**

Раис, муовини раис ва котиби комиссияи интихобот дар маҷлиси якуми комиссияи дахлдор интихоб карда мешаванд.

Маҷлиси комиссияи интихобот дар сурате салоҳиятдор мебошад, ки дар маҷлис на камтар аз се ду ҳиссаи ҳайати комиссия иштирок намояд. Қарори комиссия ба тариқи овоздиҳии ошкоро бо овози аксарияти ҳайати умумии аъзои хузурдоштаи комиссия қабул карда мешавад. Аъзои комиссия, ки бо қарори он розӣ нестанд, ҳуқуқ доранд ақидаи махсуси худро баён намоянд, ки он дар шакли хаттӣ ба протокол замима карда мешавад. Дар сурати баробарии овозҳо овози раис ҳалкунанда мебошад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 30.05.2017 № 1412)*.

Комиссияҳои интихоботӣ дар фаъолияти худ ба ҳеҷ мақомоти давлатӣ вобаста нестанд. Иҷрои қарори комиссияи интихобот, ки дар доираи ваколати он қабул шудааст, барои комиссияҳои поёнии интихобот, ҳамчунин мақомоти дахлдори маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳо ҳатмӣ мебошад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

Мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор вазифадоранд, ки ба комиссияи интихобот барои амалӣ гардонидани ваколатҳояшон кӯмак расонанд, маълумотҳои барои корашон зарурро муҳайё намоянд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ барои тайёрӣ ва гузаронидани интихобот биноҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва маводи заруриро ройгон ба ихтиёри комиссияҳои интихобот вогузор менамоянд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

Биноҳо ва таҷҳизоти корхонаҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ барои кори комиссияҳои интихобот дар асоси иҷора аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ истифода бурда мешаванд.

Комиссияи интихобот ҳуқуқ дорад оид ба масъалаҳои тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ба мақомоти дахлдори давлатӣ ва мақомоти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ба ташкилотҳо шахсони мансабдор муроҷиат намояд ва онҳо вазифадор ҳастанд, ки масъалаи ба миён гузоштаро баррасӣ намуда, дар мӯҳлати на дертар аз се рӯз ба комиссияи интихобот ҷавоб диҳанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 30.05.2017 № 1412)*.

Раис, муовини раис, котиб ё дигар аъзои комиссияи интихобот бо қарори он дар давраи тайёрӣ ва гузаронидани интихобот мумкин аст аз иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ ё хизматӣ озод карда шаванд, ки дар ин ҳол маоши миёнаи онҳо аз ҳисоби маблағи барои гузаронидани интихобот ҷудокарда дода мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

Комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот баъд аз он, ки Маҷлиси дахлдори вакилони халқ ваколатҳои вакилонро оид ба ҳавзаҳои дахлдори интихоботӣ тасдиқ кард, фаъолияти худро катъ менамоянд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

Комиссияи интихоботии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, комиссияҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ фаъолияти худро баъд аз интихоб шудани вакилон аз ҳамаи ҳавзаҳои интихоботӣ ба Маҷлисҳои дахлдори вакилони халқ қатъ менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 18. Баррасии шикоят аз қарори комиссияҳои интихобот**

Мақомоти ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзадҳоро ба вакилӣ пешбарӣ намудаанд, номзадҳо ба вакилӣ, шахсони боэътимод, мушоҳидон ва интихобкунандагон аз қарори комиссияи интихобот дар давоми даҳ рӯзи баъд аз қабули қарор ба комиссияи болоии интихобот ё суд шикоят карда метавонанд. Шикоят бояд дар давоми се рӯзи баъд аз расиданаш ва агар то рӯзи интихобот камтар аз шаш рӯз монда бошад, фавран баррасӣ карда шавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

## IV. РӮЙХАТИ ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**Моддаи 19. Рӯйхати интихобкунандагон ва тарзи тартиб додани он**

Рӯйхати интихобкунандагон доир ба ҳар кадом участкаи интихобот тартиб дода мешавад ва ба он раис ва котиби комиссияи участкавии интихобот имзо мекунанд. Барои иштирок дар кори тартиб додани рӯйхат комиссияи участкавии интихобот метавонад намояндагони аҳли ҷамъиятро ҷалб намояд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ интихобкунандагонро ба ҳисоб мегиранд ва ба комиссияҳои участкавии интихобот дар бораи интихобкунандагони сокини ҳудуди дахлдор маълумотро барои тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон медиҳанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 30.05.2017 № 1412)*.

Рӯйхати интихобкунандагон - хизматчиёни ҳарбие, ки дар қисмҳои ҳарбӣ мебошанд, инчунин аъзои оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар интихобкунандагон, агар онҳо дар маҳалли ҷойгиршавии қисмҳои ҳарбӣ зиндагӣ кунанд, дар асоси маълумоти пешниходкардаи командирони қисмҳои ҳарбӣ тартиб дода мешавад. Хизматчиёни ҳарбие, ки берун аз қисмҳои ҳарбӣ зиндагӣ мекунанд, дар асосҳои умумӣ дар ҷои истиқомат ба рӯйхати интихобкунандагон дохил карда мешаванд.

Рӯйхати интихобкунандагон дар он участкаҳои интихобот, ки дар хонаҳои истироҳат, санаторияҳо, беморхонаҳо ва дигар муассисаҳои табобатии доимӣ ташкил шудаанд, дар асоси маълумоти пешниҳодкардаи роҳбарони ҳамин муассисаҳо тартиб дода мешавад. Насаби интихобкунандагон дар рӯйхати интихобкунандагон бо тартибе, ки

барои ташкили овоздиҳӣ осон аст, сабт мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016).*

Ба рӯйхат насаб, ном, номи падар, санаи таваллуд ва нишонии ҳар интихобкунанда дохил карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016).*

**Моддаи 20. Тартиби ба рӯйхати интихобкунандагон дохил кардани шаҳрвандон**

Ба рӯйхати интихобкунандагон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то рӯзи интихобот ё дар рӯзи интихобот ба синни 18 расидаанд, дар вақти тартиб додани рӯйхат дар ҳудуди ҳамон участкаи интихобот доимӣ ё муваққатан зиндагӣ мекунанд ва барои иштирок намудан дар овоздиҳӣ ҳуқуқ доранд, дохил карда мешаванд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1412).*

Ҳар интихобкунанда танҳо ба як рӯйхати интихобкунандагон дохил шуда метавонад.

Интихобкунандае, ки дар қаламрави участкаи мазкури интихобот зиндагӣ мекунад ва бо сабабе ба рӯйхат дохил нашудааст, бо қарори комиссияи участкавии интихобот ба руйхати иловагӣ дохил карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 30.05.2017 № 1412).*

**Моддаи 21. Шиносонидани шаҳрвандон бо рӯйхати интихобкунандагон ва ҳуқуқи шикоят кардан аз саҳву хатои рӯйхати интихобкунандагон**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*

Рӯйхати интихобкунандагон барои шиносшавии умум 15 рӯз пеш аз интихобот ва дар участкаҳои интихоботие, ки дар санаторияҳо ва хонаҳои истироҳат, беморхонаҳо ва дигар муассисаҳои табобатии доимӣ ташкил шудаанд, дар маҳалҳои дурдаст ва душворгузар ду рӯз пеш аз интихобот пешниҳод карда мешаванд. Комиссияи участкавии интихобот интихобкунандагонро аз маҳал ва вақти шиносоӣ бо рӯйхат огоҳ мекунад.

Ба шаҳрвандон имконият дода мешавад, ки дар бинои комиссияи участкавии интихобот бо рӯйхати интихобкунандагон шинос шуда, дурустии тартиб дода шудани онро тафтиш намоянд.

Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар хусуси ба рӯйхат дохил нашудан, нодуруст дохил кардан ё аз рӯйхат баровардан, инчунин саҳву хатоҳои дар рӯйхат ҷойдошта шикоят намоянд. Ариза дар бораи ҷой доштани саҳву хатоҳои дар рӯйхати интихобкунандагон ҷойдошта аз ҷониби комиссияи участкавии интихобот баррасӣ карда мешавад. Комиссияи участкавии интихобот вазифадор аст аризаро дар мӯҳлати на дертар аз ду рӯзи то интихобот ва дар рӯзи интихобот фавран дида баромада, ба рӯйхат ислоҳоти зарурӣ ворид намояд ё ба аризадиҳанда нусхаи қарори асоснокро дар бораи рад гардидани аризааш супорад. Аз хусуси қарори қабулнамудаи Комиссияи участкавии интихобот бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд шикоят кардан мумкин аст. Қарори суд қатъист. Комиссияи участкавии интихобот тибқи қарори суд ба рӯйхати интихобкунандагон ислоҳ ворид менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087).*

**Моддаи 22. Таъмини ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон ҳангоми иваз кардани маҳалли истиқомат**

Дар давраи баъди барои шиносоии умум пешниҳод намудани рӯйхати интихобкунандагон ва то рӯзи интихобот интихобкунандае, ки рӯзи интихобот имконияти дар ҷои истиқомат будан надорад (ҳангоми дар сафари хизматӣ будан, ба муассисаҳои табобатӣ рафтан ва дигар сабабҳо) ҳуқуқ дорад бо пешниҳоди шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияташ аз комиссияи участкавии интихоботи маҳалли истиқоматаш варақаи интихобот талаб кунад, қарори қабулнамудаашро дар лифофаи сарбаста ба комиссияи участкавии интихобот супорад. Комиссияи участкавии интихобот дар ин хусус ба рӯйхати интихобкунандагон қайди дахлдор карда, таърихашро нишон медиҳад. Ба лифофаи накушода дар ҳузури интихобкунанда мӯҳр гузошта мешавад. Комиссияи участкавии интихобот барои нигоҳдории лифофа масъул аст *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016).*

## V. ПЕШБАРӢ ВА БАҚАЙДГИРИИ НОМЗАДҲО БА ВАКИЛӢ

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*

**Моддаи 23. Таъйин кардани интихоботи вакилон**

Интихоботи вакилон ба Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия одатан дар як вақт аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон камаш 75 рӯз пеш аз ба охир расидани мӯҳлати ваколати вакилон таъйин карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016)*.

Дар бораи рӯзи интихобот на дертар аз се рӯзи баъди таъйин кардани он дар матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма хабар дода мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 24. Ҳуқуқи пешбарӣ кардани номзадҳо ба вакилӣ**

Барои пешбарӣ намудани номзадҳо ба вакилии Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ҳизбҳои сиёсии аз тарафи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташуда ва ҳамчунин шаҳрвандон аз тариқи худпешбарӣ ҳуқуқ доранд. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқ доранд шахсонеро, ки узви ҳизби сиёсӣ нестанд, ба вакилии Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ номзад пешниҳод намоянд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Интихобот ба Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ва шаҳри Душанбе ба тартибе гузаронида мешавад, ки барои Маҷлисҳои вакилони халқи вилоятӣ пешбинӣ шудааст.

хориҷ карда шуд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

хориҷ карда шуд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 25. Тартиби пешбарии номзадҳо ба вакилӣ**

Пешбарӣ намудани номзадҳо ба вакилӣ 50 рӯз пеш аз интихобот оғоз ёфта, 35 рӯз то интихобот ба охир мерасад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Пешбарии номзадҳо ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи вилоятҳо аз тарафи мақомоти шаҳрӣ ва ноҳиявии ҳизбҳои сиёсӣ (конференсияҳо, пленумҳо) сурат мегирад.

Пешбарии номзадҳо ба Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрию ноҳиявӣ аз тарафи мақомоти дахлдори шаҳрию ноҳиявии ҳизбҳои сиёсӣ (конференсияҳо, пленумҳо) сурат мегирад.

Аз мақомоти ҳизбҳои сиёсии шаҳрию ноҳиявӣ як нафари номзад ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба ҳар як ҳавзае, ки дар ҳудуди дахлдори шаҳр, ноҳия воқеъанд, пешбарӣ карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1412, аз 03.01.2024 № 2016)*.

Тартиби хостагирии номзадҳоро худи ҳизбҳои сиёсӣ муайян мекунанд.

Дар бораи пешбарии номзад ба вакилӣ аз ҳизбҳои сиёсӣ протокол тартиб дода мешавад.

Дар бораи қарори қабулшуда ба номзад ба вакилӣ дар мӯҳлати ду рӯз хабар дода мешавад.

Дар ҳолати худпешбарӣ номзад ба вакилии Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе имзои 200 нафар ва номзад ба вакилии Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи шаҳр ва ноҳия имзои 100 нафар интихобкунандаро аз ҳавзаи дахлдори интихоботӣ якҷо бо ариза пешниҳод менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 26. Талабот аз номзадҳо ба вакилӣ**

Ба вакилии Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо номзадии шахсе пешниҳод карда мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта, забони давлатиро донад, дар ҳудуди вилоят, шаҳр ва ноҳияи дахлдор кор ва ё зиндагӣ кунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1412)*.

Аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, судяҳо, прокурорҳо, роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва муовинони онҳо, роҳбарони сохторҳои худудии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва муовинони онҳо, инчунин роҳбарони сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар як вақт вакили Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи дахлдор буда наметавонанд ва ба шарте ҳамчун номзад ба қайд гирифта мешаванд, ки дар аризаи худ ҳангоми вакил интихоб шудан аз вазифа рафтанашонро изҳор карда бошанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 27.11.2014 № 1133)*.

Ҳодимони касбии ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои динӣ баъди истеъфо аз вазифаашон ба қайд гирифта мешаванд.

Шаҳрвандони зерин ҳуқуқи ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ номзад ба вакилӣ шуданро надоранд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*:

- Шаҳрвандоне, ки ба талаботи муқарраркардаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии мазкур ҷавобгӯ нестанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 30.05.2017 № 1412, аз 03.01.2024 № 2016)*;

- Шаҳрвандоне, ки суд онҳоро ғайри қобили амал донистааст ё бо ҳукми суд дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ нигоҳ дошта мешаванд ва ё бо қарори суд дар муассисаҳои табобатӣ маҷбурӣ мебошанд;

- хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қушуну сохторҳои ҳарбӣ, вазорату идораҳо, ки дар онҳо Қонун хизмати ҳарбиро пешбинӣ намудааст, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти гумрук ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 12.05.2007 № 257)*;

- шаҳрвандоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои барқасдонаи вазнин ва махсусан вазнин маҳкум шудаанд, новобаста аз гузаштани мӯҳлат ва бардошта шудани доғи судиашон *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*;

- шаҳрвандоне, ки доғи судиашон бардошта нашудааст;

- шахсоне, ки шаҳрвандиашон қатъ гардидааст ё шаҳрвандии давлати дигарро соҳиб шудаанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1412)*;

- шаҳрвандоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои ба муқобили асосҳои сохти конститусионӣ ва амнияти давлат ва дигар ҷиноятҳои барқасдонаи вазнин ва ё махсусан вазнин аз тарафи мақомоти таҳқиқу тафтишот гумонбаршудаанд ё нисбати онҳо кофтуков эълон карда шудааст, ба истиснои иштироккунандагони муковимати сиёсию низомӣ, ки нисбати онҳо авф татбиқ карда шудааст *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 27. Бақайдгирии номзадҳо ба вакилӣ**

Комиссияи ҳавзавии интихобот номзадҳоро ба вакилӣ, ки аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ ё ба таври худпешбарӣ пешниҳод шудаанд, ба қайд мегирад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016)*.

Бақайдгирии номзадҳо ба вакилӣ 35 рӯз пеш оғоз ёфта, 20 рӯз пеш аз интихобот ба охир мерасад.

Қарор дар бораи бақайдгирии номзадҳо ба вакилӣ дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои зерин қабул карда мешавад:

қарори мақоми шаҳрӣ, ноҳиявии ҳизби сиёсӣ дар бораи пешбарӣ кардани номзадҳо ба вакилӣ;

ариза дар бораи аз вазифа рафтан дар сурати вакил интихоб шуданашон барои шахсоне, ки дар қисми дуюми моддаи 26-и Қонуни конститутсионии мазкур зикр ёфтаанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Комиссияи ҳавзавии интихобот дар бораи ба қайд гирифтани номзадҳо ба вакилӣ протокол тартиб дода, онро ҳамроҳи аризаи номзад ба вакилӣ, ки розӣ шудааст номзадиаш дар ҳамон ҳавзаи интихобот ба овоз монда шавад, ба комиссияи дахлдори вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявии интихобот пешниҳод мекунад.

Ҳамаи номзадҳо ба вакилӣ, ки бо риояи талаботи Қонуни конститутсионии мазкур пешбарӣ шудаанд, ҳатман бояд ба қайд гирифта шаванд. Аз хусуси рад карда шудани бақайдгирии номзад ба вакили ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзад ба вакилӣ пешбарӣ намудаанд ва номзади мустақил дар мӯҳлати се рӯз ба комиссияи интихоботии болоӣ шикоят карда метавонанд. Дар сурати рад шудани бақайдгирии номзад, комиссияи дахлдори интихобот вазифадор аст, ки дар давоми як шабонарӯз ба номзад ва ҳизби сиёсӣ нусхаи қарори комиссияи интихоботро бо баёни асосҳои радкунӣ пешниҳод намояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016)*.

Номзад ба вакилӣ узви комиссияи дахлдори интихоботии вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, инчунин комиссияҳои ҳавзавӣ ё участкавии интихобот, ки овоздиҳиро дар ҳамон ҳавзаи интихобот ташкил мекунанд, буда наметавонад. Шахсе, ки номзад ба вакилӣ пешбарӣ шудааст ва узви яке аз ин комиссияҳо мебошад, аз вақти ба қайд гирифта шудани номзадиаш ба вакилӣ аз узвияти комиссия озод карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Комиссияи ҳавзавии интихобот на дертар аз рӯзи чоруми баъди ба қайд гирифтани номзадҳо ба вакилӣ дар бораи бақайдгирӣ бо нишон додани насаб, ном, номи падар, соли таваллуд, вазифа (шуғл), ҳизбият, ҷои кор ва истикомати ҳар кадом номзад ба вакилӣ ахбор нашр менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Номзадҳои ба вакилии дар яке аз ҳавзаҳои интихоботи Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ ба қайд гирифташуда дар дигар ҳавзаи интихобот, аз ҷумла дар сурати пас гирифтани номзадиашон дар ҳавзаи интихоботие, ки аввал ба қайд гирифта шуда буданд, барои бақайдгирӣ ба ҳавзаи дигари интихобот пешниҳод шуда наметавонанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Ба ҳар кадоми номзади ба қайд гирифташуда, комиссияи ҳавзавии интихобот дар давоми се рӯзи баъди ба қайд гирифтан шаҳодатнома месупоранд.

**Моддаи 28. Бекор кардани қарори пешбарии номзад ба вакилӣ. Номзадии худро пас гирифтани номзад**

Мақоми ҳизби сиёсӣ, ки номзад ба вакилӣ пешбарӣ кардааст, ҳуқуқ дорад ҳар вақт то интихобот қарори худро дар бораи пешбарии номзад ба вакилӣ бекор кунад. Қарор дар хусуси ин масъала бо тартибе, ки барои пешбарии номзад ба вакилӣ пешбинӣ шудааст, қабул карда, ба комиссияи дахлдори ҳавзавии интихобот пешниҳод карда мешавад.

Номзад ба вакилӣ ҳар вақт то интихобот номзадии худро пас гирифта, бо ариза дар ин бора ба комиссияи дахлдори ҳавзавии интихобот муроҷиат карда метавонад.

Комиссияи интихоботие, ки номзадро ба вакилӣ ба қайд гирифтааст, дар бораи бекор кардани қарори пешбарии номзад ба вакилӣ ё дар бораи аз номзади даст кашидани номзад ба маълумоти аҳолии ҳавзаи интихобот, мақоми ҳизби сиёсӣ, ки номзад ба вакилиро пешбарӣ намудааст ва номзади мустақил мерасонад.

**Моддаи 29. Тартиби пешбарии номзадҳо ба вакилӣ ба ҷои номзадҳои хориҷшуда**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*

Дар сурати хориҷ шудани номзадҳо ба вакилӣ баъди итмоми мӯҳлати қайди номзадҳо ба вакилӣ, агар дар ҳавзаи интихоботи дигар номзадҳо набошанд, комиссияи ҳавзавии интихобот бо иҷозати комиссияи дахлдори интихоботии вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ба мақомоти ҳизбҳои сиёсӣ ва интихобкунандагони ҳавзаи интихоботӣ муроҷиат намуда, таклиф мекунад, ки номзадҳои нав ба вакилӣ пешбарӣ карда шаванд.

Дар сурати понздаҳ рӯз пеш аз сар шудани интихобот хориҷ шудани номзадҳо ба вакилӣ интихоботи вакил аз ҳавзаи дахлдори интихобот дар давоми ду моҳи баъди интихоботи асосӣ гузаронида мешавад.

**Моддаи 30. Бюллетени интихобот**

Ба бюллетени интихобот бо тартиби алифбо ному насаби номзад ба вакилӣ, соли таваллуд, ҳизбият вазифа (шуғл), ҷои кор ва истиқомат, мақоме, ки ӯро номзад ба вакилӣ пешбарӣ намудааст, нишон дода мешавад. Ба бюллетени интихобот баъд аз рӯйхати

номзадҳо сатри алоҳида бо ифодаи "муқобили ҳамаи номзадҳо" нишон дода мешавад. Бюллетенҳои интихобот ба забони давлатӣ, инчунин бо қарори комиссияи дахлдори интихоботи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ бо забонҳое, ки аксарияти аҳолии ҳавзаи интихоботи истифода мебаранд, чоп карда мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 27.11.2014 № 1133, аз 03.01.2024 № 2016).*

Комиссияҳои участкавии интихобот бюллетенҳоро аз комиссияи ҳавзавӣ на дертар аз се рӯзи то баргузории интихобот мегиранд. Додану гирифтани бюллетенҳоро раис ё муовини раис ё котиби комиссияи дахлдори ҳавзавӣ ва участкавӣ бо имзои худ тасдиқ менамоянд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016).*

Биное, ки бюллетенҳои интихобот нигоҳ дошта мешаванд, мухр зада, барои посбонӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ супорида мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016).*

## VI. КАФОЛАТ БА ФАЪОЛИЯТИ НОМЗАДҲО БА ВАКИЛӢ

### Моддаи 31. Ҳуқуқи номзад ба вакилӣ барои иштирок дар маъракаи пешазинтихоботӣ

Номзадҳо ба вакилии Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз вақти пешбарӣ шудани онҳо дар маъракаи пешазинтихоботӣ дар асоси шартҳои баробар иштирок менамоянд. Номзадҳо ба вакилӣ ҳуқуқ доранд дар маҷлисҳою машваратҳои пешазинтихоботӣ ва дигар маҷлисҳо иштирок намоянд, тавассути матбуот, телевизион ва радио баромад кунанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016).*

Мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, роҳбарони ташкилотҳо ва макомоти ташаббускори ҷамъиятӣ вазифадоранд, ки барои ташкили вохуриҳо бо интихобкунандагон, ба даст овардани маълумотномаю хабарномаҳо ба номзад ба вакилӣ кӯмак намоянд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087).*

### Моддаи 32. Барномаи пешазинтихоботии номзад ба вакилӣ

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*

Номзад ба вакилӣ метавонад бо барномаи фаъолияти ояндаи худ баромад намояд. Барномаи номзад ба вакилӣ набояд мухолифи Конститутсия (Сарқонуни) ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад. Номзад ба вакилӣ дар сурати интихоб шуданаш дар назди интихоботкунандагон барои иҷрои барномаи пешазинтихоботияш масъул аст *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016).*

### Моддаи 33. Шахсони боэътимоди номзад ба вакилӣ

Номзад ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи вилоят метавонад то се ва Маҷлиси вакилони халқи шаҳриву ноҳиявӣ то ду нафар шахси боэтимод дошта бошад, ки онҳо дар гузаронидани маъракаи интихоботӣ ба ӯ ёрӣ мерасонанд. Барои вакил интихоб шуданаш ташвиқот мебаранд, дар муносибат бо мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, интихобкунандагон ва комиссияҳои интихоботӣ манфиатҳои ӯро ҳимоя менамоянд.

Номзад ба вакилӣ шахсони боэътимодро ихтиёран муайян мекунад, дар бораи онҳо ба комиссияи ҳавзавии интихобот барои ба қайд гирифтанашон хабар медиҳад. Комиссияи интихобот баъди ба қайд гирифтани шахсони боэътимод ба онҳо шаҳодатнома медиҳад. Номзад ба вакилӣ ҳуқуқ дорад, ки шахсони боътимоди худро ҳар вақт то оғози интихобот иваз намояд. Шахси боэътимод наметавонад, ки узви ягон комиссияи ҳавзавии интихобот бошад. Шахсони боэътимод ҳангоми маҷлисҳои пешазинтихоботӣ бо ҳоҳиши номзадҳо ба вакилӣ метавонанд аз иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ ё хизматиашон озод бошанд, ки дар ин ҳол музди миёнаи корашон аз ҳисоби маблағи барои интихобот ҷудокарда пардохта мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 30.05.2017 № 1412).*

### Моддаи 34. Ташвиқоти пешазинтихоботӣ

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*

Ташвиқоти пешазинтихоботӣ аз рӯзи бақайдгирии номзад оғоз гардида, як шабонарӯз пеш аз овоздиҳӣ қатъ мегардад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087).*

Ба ҳизбҳои сиёсӣ, ки ба вакилӣ номзад пешниҳод намудаанд ва ба намояндагони номзадҳои мустақил ҳуқуқ дода мешавад, ки ба тарафдории номзадҳои худ бе мамоният ташвиқот баранд, ҳамчунин барои гузаронидани маҷлису ҷамъомадҳо биноҳои таҷҳизонидашуда ва барои ташвиқоти пеш аз интихоботи воситаҳои ахбори омма ҷудо намоянд. Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳизбҳои сиёсӣ, кафолат дода мешавад, ки хислатҳои сиёсӣ, корӣ ва шахсии номзадҳоро ба вакилӣ озодона ва ҳаматарафа муҳокима намоянд, ҳамчунин онҳо ҳақ доранд, ки дар маҷлисҳо, матбуот, радио ва телевизион ба тарафдори ё зидди номзадҳо ташвиқот баранд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Номзадҳо ба вакилӣ ҳуқуқ доранд воситаҳои ахбори оммаро дар асосҳои баробар истифода баранд, вохӯриҳои худро бо интихобкунандагон дар шакли барои ҳар ду ҷониб мувофиқ ташкил намоянд. Комиссияи интихобот якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои гузаронидани вохӯриҳо мусоидат намуда, дар бораи вақту маҳалли баргузории вохӯриҳо ба интихобкунандагон хабар медиҳанд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 30.05.2017 № 1412, аз 03.01.2024 № 2016)*.

Ба ташвиқоти пешазинтихоботӣ мубоҳисаҳои амали хос буда, бояд ҳодисаҳои беэҳтироми нисбати ин ё он номзад ба вакилӣ роҳ дода нашавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

Ташвиқот дар рӯзи интихобот манъ аст.

**Моддаи 35. Барои иштирок дар маъракаи интихобот аз вазифаҳои хизматӣ ё истеҳсолӣ озод кардани номзадҳо ба вакилии Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ**

Номзад ба вакилии Маҷлиси вакилони халқ баъди ба қайд гирифта шудан дар вақти гузаронидани вохӯриҳо бо интихобкунандагон, баромад кардан дар маҷлисҳои пешазинтихоботӣ, ҷамъомадҳо, аз тариқи телевизион ва радио аз иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ ва хизматӣ озод карда мешавад, ки дар ин ҳол маоши миёнаи ӯ аз ҳисоби маблағи барои гузаронидани интихобот ҷудокарда, пардохта мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 36. Ҳуқуқи ройгон сафар кардани номзад ба вакилӣ**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1412, аз 03.01.2024 № 2016)*

Номзад ба вакилии Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ баъди аз қайд гузаштан ҳуқуқ дорад бо тамоми намудҳои наклиёти давлатии мусофиркаш (ба истиснои такси) дар ҳудуди ҳавзаи интихоботӣ ройгон сафар кунад. Номзад ба вакилӣ, ки берун аз ҳудуди ҳавзаи интихобот зиндагӣ мекунад, барои ба ҳавзаи интихобот сафар кардан ва аз он ҷо ба манзил баргаштан ҳамин гуна ҳуқуқ дорад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 30.05.2017 № 1412, аз 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 37. Дахлнопазирии номзад ба вакилӣ**

Номзад ба вакилии Маҷлисҳои маҳаллии вакилони ҳалқро, бе розигии комиссияи интихоботи дахлдори вилоят, шаҳр, ноҳия, ҳабс кардан, дастгир кардан, маҷбуран овардан, кофтуков кардан мумкин нест, ба истиснои дастгир шуданаш дар ҷойи содир намудани ҷиноят *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

## VII. ТАРТИБИ ОВОЗДИҲӢ ВА ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ ИНТИХОБОТ

**Моддаи 38. Вақт ва ҷои овоздиҳӣ**

Дар интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ овоздиҳӣ дар рӯзи интихобот аз соати 6 то соати 20 вақти маҳаллӣ гузаронида мешавад. Комиссияи участкавии интихобот вақту ҷойи овоздиҳиро ба интихобкунандагон 10 рӯз пеш аз интихобот хабар медиҳад. Дар участкаҳои интихобот, ки дар санаторияву хонаҳои истироҳат, беморхона, муолиҷагоҳҳои дигари доимӣ, ҳамчунин дар маҳалҳои дурдаст ва душворгузар ташкил карда шудаанд, комиссияи участкавии интихобот метавонад овоздиҳиро ҳар вақте, ки ҳамаи интихобкунандагони рӯйхатшуда овоз дода бошанд тамомшуда эълон намояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 39. Ташкили овоздиҳӣ**

Интихобкунандагон дар биноҳои махсусе овоз медиҳанд, ки бо теъдоди кофии ҳуҷра ё хонаҳои барои овоздиҳии пинҳонӣ таҷҳизонида, ҷои додани бюллетенҳои интихобот муайян карда, куттиҳои интихобот гузошта шудаанд.

Куттиҳои интихобот тавре гузошта мешаванд, ки ҳангоми наздашон омадани овоздиҳандагон бояд ҳатман аз ҳуҷра ва хонаҳои овоздиҳии пинҳонӣ гузаранд.

Комиссияи участкавии интихобот барои ташкили овоздиҳӣ, махфӣ доштани изҳори иродаи интихобкунандагон, таҷҳизонидани бино ва риоя шудани тартиботи зарурӣ масъул мебошад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Раиси комиссияи интихоботӣ рӯзи интихобот пеш аз оғози овоздиҳӣ дар хузури ҳамаи аъзои комиссия куттиҳои интихоботро аз назар гузаронида, онҳоро сургуҷ мекунад ё мухр мезанад.

Ҳар интихобкунанда шахсан худаш овоз медиҳад, ба ҷои шахси дигар овоз додан манъ аст. Додани зиёда аз як бюллетен ба интихобкунанда манъ аст. Бюллетенҳои интихоботро ба интихобкунандагон комиссияи дахлдори интихобот дар асоси рӯйхати интихобкунандагони участкаи интихобот баъди нишон додани шиноснома ё шаҳодатномаи дигари тасдиққунандаи шахсияти интихобкунанда медиҳад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

ҳар интихобкунанда бюллетени интихоботӣ гирифта, дар рӯйхати интихобкунандагон дар муқобили насаби худ имзо мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 40. Тартиби овоздиҳӣ**

Бюллетенҳои интихоботро интихобкунандагон дар ҳуҷра ё хонаи овоздиҳии пинҳонӣ пур мекунанд. Ҳангоми пур кардани бюллетен ғайр аз шахси овоздиҳанда ҳозир будани каси дигар манъ аст. Интихобкунандае, ки бюллетенро мустақилона пур карда наметавонад, ҳуқуқ дорад ба ҳуҷра ё хонаи овоздиҳӣ бо салоҳдиди худ каси дигарро, ғайр аз аъзои комиссияи интихобот, шахсони боэътимоди номзадҳо, намояндагони воситаҳои ахбори омма, мушоҳидон, даъват кунад. Интихобкунанда дар бюллетени интихобот дар квадрати холӣ дар муқобили насаб, ном ва номи падари номзад, ки ба тарафдориаш овоз медиҳад, аломати ҷамъ "+" мегузорад. Дар мавриди зидди ҳамаи номзадҳо овоз додан интихобкунанда дар квадрати холии сатри "муқобили ҳамаи номзадҳо" аломати ҷамъ "+" мегузорад. Бюллетени пуркардаашро интихобкунанда ба қуттии интихобот меандозад. Ба интихобкунандагоне, ки бинобар вазъи саломатӣ ва дигар сабабҳо ба бинои овоздиҳӣ шахсан ҳозир шуда наметавонанд, комиссияи участкавии интихобот мувофиқи хоҳиши онҳо ба узви ҷудогонаи комиссия супориш медиҳад, ки овоздиҳиро дар ҷои истиқомати ҳамин интихобкунандагон ташкил намоянд, ки дар ин бора дар рӯйхати интихобкунандагон қайд карда мешавад. Интихобкунандагоне, ки бо ягон сабаб ба рӯйхати интихобкунандагон дохил карда нашудаанд, дар асоси ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият дар маҳалли истиқоматиашон ба замимаи рӯйхати интихобкунандагон дохил мешаванд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 27.11.2014 № 1133, аз 30.05.2017 № 1412, 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 41. Ҳисоб кардани овозҳо дар участкаи интихоботӣ**

Баъди тамом шудани овоздиҳӣ, пеш аз кушодани куттиҳои овоздиҳӣ дар ҳузури аъзоёни комиссияи участкавӣ лифофаҳои сарбаста ва варакаҳои овоздиҳӣ ба қуттӣ партофта мешаванд.

Комиссияи участкавии интихобот ҳамаи бюллетенҳои интихоботии истифоданашударо шуморида, аз ҳисоб мебароранд. Аз ҳисоб баровардани бюллетенҳои интихоботии истифоданашуда бо роҳи буридани тарафи рости қисми поёнии бюллетен сурат мегирад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Куттиҳои овоздиҳӣ аз тарафи комиссияи участкавии интихоботӣ дар ҳузури ҳамаи аъзои он баъди аз тарафи раиси комиссия тамомшуда эълон гардидани овоздиҳӣ кушода мешаванд. Кушодани куттиҳои овоздиҳӣ то ҳатмӣ овоздиҳӣ манъ аст.

Ҳисобкунии овозҳо дар участкаи интихобот алоҳида-алоҳида аз рӯи ҳавзаҳои интихобот оид ба Маҷлиси дахлдори вакилони халқ ва ҳар номзад ба вакилӣ гузаронида мешавад.

Комиссияи участкавии интихобот мувофиқи рӯйхати интихобкунандагон шумораи умумии интихобкунандагони участка, ҳамчунин шумораи интихобкунандагонеро, ки бюллетен гирифтаанд, муқаррар мекунад. Дар асоси бюллетенҳо ва варакаҳои дар куттиҳои овоздиҳӣ буда, комиссия муқаррар менамояд: шумораи умумии интихобкунандагони дар овоздиҳӣ ширкатварзида; шумораи овозҳои ба тарафдории ҳар номзад ба вакилӣ ва шумораи овозҳои ба муқобили вай додашуда; шумораи овозҳои "муқобили ҳамаи номзадҳо" додашуда; теъдоди бюллетенҳою варақаҳое, ки беэътибор дониста шудаанд. Аз рӯи насабҳои шаҳрвандоне, ки интихобкунандагон иловатан ба бюллетен ва варақаҳо дохил намудаанд, овозҳо ҳисоб карда намешаванд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 27.11.2014 № 1133, аз 03.01.2024 № 2016)*.

Ба аъзои комиссияи интихобот, ба истиснои раис ва котиби комиссия, ҳангоми ҳисобкунии овозҳо доштани воситаҳои хатнависӣ мумкин нест *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Бюллетенҳои интихоботии намунааш ғайримуқаррарӣ, ҳамчунин бюллетенҳою варақаҳое, ки дар онҳо ҳангоми овоздиҳӣ беш аз як номзад боқӣ мондааст, беэътибор дониста мешаванд. Ҳангоми пайдо гардидани шубҳа оид ба ҳаққонӣ будан ё набудани бюллетену варақаи интихобот масъала аз ҷониби комиссияи участкавии интихобот бо роҳи овоздиҳӣ ҳал мегардад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 27.11.2014 № 1133, аз 03.01.2024 № 2016)*.

Натиҷаи ҳисоби овозҳо дар маҷлиси комиссияи участкавии интихобот баррасӣ гардида, ба протокол дохил мешавад, ки онро раис, котиб ва аъзои комиссия имзо намуда, он ба комиссияи дахлдори ҳавзавии интихобот фиристода мешавад.

Протоколи комиссияи участкавии интихобот ҳамон вақт боэътибор ҳисобида мешавад, ки агар онро аз нисф зиёди аъзои комиссия имзо карда бошад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 42. Муқаррар кардани натиҷаи интихобот дар ҳавзаи интихоботӣ**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*

Дар асоси протоколҳои комиссияҳои участкавии интихобот, комиссияи ҳавзавии интихобот инҳоро муайян месозад: шумораи умумии интихобкунандагони ҳавза; шумораи интихобкунандагоне, ки бюллетенҳо ва варакаҳои интихоботӣ гирифтаанд; шумораи интихобкунандагони дар овоздиҳӣ ширкатварзида; миқдори овозҳое, ки "ба тарафдори" ва миқдори овозҳое, ки "ба муқобили" ҳар номзад ба вакилӣ дода шудаанд; шумораи овозҳое, ки "муқобили ҳамаи номзадҳо" дода шудаанд; теъдоди бюллетенҳо ва варакаҳои беэътибор донисташуда *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 27.11.2014 № 1133)*.

Он номзад ба вакилии Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ, ки дар интихобот аз нисф зиёди овозҳои интихобкунандаҳои дар овоздиҳӣ ширкатварзидаро гирифтааст, интихобгардида дониста мешавад.

Комиссияи ҳавзавии интихобот аз сабаби дар рафти интихобот ё ҳангоми ҳисобкунии овозҳо роҳ додан ба вайрон карда шудани Қонуни конститутсионии мазкур метавонад интихоботро беэътибор донад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Интихобот барпонашуда дониста мешавад, агар дар он камтар аз нисфи интихобкунандагони ба рӯйхати интихобкунандагон дохилшуда иштирок карда бошанд, ҳамчунин агар ҳамаи номзадҳо ба вакилӣ хориҷ шуда бошанд.

Натиҷаҳои интихобот дар ҳавзаи интихобот дар маҷлиси ҳавзавии интихобот муқаррар гардида, ба протокол дохил карда мешавад. Протокол аз ҷониби раис, котиб ва аъзои комиссия ба имзо расида, ба комиссияи дахлдори интихоботии вилоят, шаҳр ва ноҳия фиристода мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

Комиссияи интихоботии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия аз натиҷаи ниҳоии интихобот дар ҳавзаи интихоботии дахлдор ба

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 43. Бақайдгирии вакилон**

Комиссияи интихоботии вилоят, шаҳр ва ноҳия дар асоси протоколҳои комиссияҳои ҳавзавии интихобот, ки ба онҳо расидаанд, вакилони интихобшударо мутобиқан ба қайд мегирад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016)*.

Агар дар рафти интихобот ё ҳангоми ҳисоби овозҳо ва ё муайян намудани натиҷаи интихобот ба вайронкунии Қонуни конститутсионии мазкур роҳ дода шуда бошад, комиссияи интихобот метавонад интихоботро дар ҳавзаи дахлдор беэътибор донад ва вакилро ба қайд нагирад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 44. Чоп кардани натиҷаи интихоботи вакилон**

Комиссияи дахлдори интихобот ба Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар бораи натиҷаи интихобот ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи дахлдор хабар ва рӯйхати вакилони интихобшударо дар муддати на дертар аз ҳафт рӯзи баъди интихобот бо тартиби алифбо ва бо зикри насаб, ном, номи падар, вазифа (шуғл), ҳизбият, ҷои кор ва истиқомат, ҳавзаи интихобот, ки ӯ вакил интихоб шудааст, дар матбуот чоп мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 45. Шаҳодатнома ва нишони сарисинагии вакил**

Комиссияи ҳавзавии интихобот баъди дар матбуот чоп кардани рӯйхати вакилоне, ки комиссияи дахлдори интихобот ба қайд гирифтааст, ба ҳар вакили интихобшуда шаҳодатнома дар хусуси интихоб гардидани ӯ медиҳад.

Пас аз он, ки Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи дахлдор ваколатҳои вакилони интихобгардидаро тасдиқ менамояд, ба онҳо ба ҷои шаҳодатнома дар хусуси вакил интихоб шуданашон шаҳодатномаи вакилӣ ва нишони сарисинагии дахлдор дода мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Шакл ва намуди шаҳодатномаи вакилӣ ва нишони сарисинагии дахлдорро Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

## VIII. ОВОЗДИҲИИ ТАКРОРӢ, ИНТИХОБОТИ ТАКРОРӢ ВА ИНТИХОБОТИ ВАКИЛОН БА ҶОИ ВАКИЛОНИ ХОРИҶШУДА. ИНТИХОБОТ ДАР ВОҲИДҲОИ МАРЗИЮ МАЪМУРИИ НАВТАШКИЛ

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*

**Моддаи 46. Овоздиҳии такрорӣ**

Агар дар ҳавзаи интихоботӣ номзадии беш аз ду кас барои вакил шудан ба овоз монда шуда бошад ва ҳеҷ яке аз онҳо интихоб нагардида бошад, комиссияи ҳавзавии интихобот дар хусуси овоздиҳии такрорӣ дар ҳавза оид ба ду номзад ба вакилӣ, ки овозҳои бештар гирифтаанд, қарор қабул менамояд. Комиссияи ҳавзавӣ дар бораи ин қарор ба комиссияи дахлдори интихобот, ба интихобкунандагони ҳавза хабар медиҳад. Овоздиҳии такрорӣ дар ҳавзаи интихоботӣ дар муҳлати на дертар аз ду ҳафта бо риояи талаботи Қонуни конститутсионии мазкур дар ҳамон участкаҳои интихобот ва аз рӯи ҳамон рӯйхатҳои интихобкунандагон гузаронида мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Он номзад ба вакилӣ, ки ҳангоми овоздиҳии такрорӣ нисбат ба номзади дигар миқдори бештари овозҳои интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштироккардаро соҳиб шудааст, интихобшуда ҳисоб меёбад, ба шарте, ки дар овоздиҳӣ на камтар аз нисфи интихобкунандагони дар рӯйхатҳо дохилбуда иштирок карда бошанд.

Агар ҳангоми овоздиҳии такрорӣ яке аз номзадҳо бо сабабе хориҷ шавад, овоздиҳӣ аз рӯи як номзад сурат мегирад. Зимнан, барои интихоб шудан ба номзад ба вакилӣ лозим

аст, ки беш аз нисфи овозҳои шумораи интихобкунандагони дар овоздиҳӣ ширкатварзидаро гирад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Ҳангоми овоздиҳии такрорӣ комиссияи участкавии интихобот метавонад овоздиҳиро кадом соате набошад, тамомшуда эълон намояд, ба шарте, ки ҳамаи интихобкунандагони ба рӯйхат дохилшуда овоз дода бошанд.

**Моддаи 47. Интихоботи такрорӣ**

Агар дар ҳавзаи интихоботӣ номзадии на бештар аз ду кас барои вакил шудан ба овоз монда шуда бошад ва ҳеҷ яке аз онҳо интихоб нагардида бошад, ё интихобот дар ҳавзаи интихоботи барпонашуда ё беэътибор дониста шуда бошад ва ё овоздиҳии такрорӣ имкон надода бошад, ки вакили интихобшуда муайян гардад, комиссияи дахлдори интихобот ба комиссияи ҳавзавии интихобот супориш медиҳад, ки дар ҳавзаи интихобот интихоботи такрорӣ гузаронад. Дар ин ҳолат вай метавонад дар бораи зарурати гузаронидани интихоботи такрории комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот дар ҳайати нав қарор қабул намояд. Овоздиҳӣ дар ҳамон участкаҳои интихобот ва мувофиқи рӯйхатҳои интихобкунандагон, ки барои интихоботи асосӣ тартиб дода шуда буданд, гузаронида мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Интихоботи такрорӣ дар муҳлати на дертар аз ду моҳ баъд аз интихоботи асосӣ гузаронида мешавад. Ташкили комиссияҳои интихоботӣ, бақайдгирии номзадҳо ба вакилӣ ва тадбирҳои дигар мувофиқи тартиби муқарраркардаи Қонуни конститутсионии мазкур сурат мегиранд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Номзаде, ки дар рафти интихоботи асосӣ миқдори зарурии овозҳоро соҳиб нашудааст, наметавонад дар интихоботи такрорӣ дар ин ҳавза дубора чун номзад пешбарӣ шавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 48. Гузаронидани интихоботи вакилон ба ивази вакилони хориҷшуда**

Дар сурати аз ҷониби Маҷлиси дахлдори вакилони халқ беэътибор дониста шудани ваколатҳои вакилони алоҳида, бо сабабҳои дигар пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколатҳои вакилон дар ҳавзаи дахлдори интихобот дар мӯҳлати се моҳи баъд аз хориҷ шудани вакил интихоботи дигар гузаронида мешавад. Интихобот аз тарафи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ на дертар аз ду моҳи пеш аз гузаронидани он таъин гардида, бо риояи талаботи Қонуни конститутсионии мазкур ташкил карда мешавад. Дар ин ҳолат, комиссияи ҳавзавии интихобот 50 рӯз пеш, комиссияҳои участкавӣ 30 рӯз пеш аз интихобот таъсис гардида, бақайдгирии номзадҳо ба вакилӣ 30 рӯз пеш аз интихобот ба охир мерасад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Дар сурати камтар аз як сол пеш аз қатъи ваколатҳои Маҷлиси даҳлдори вакилони халқ хориҷ шудани вакил, интихоботи вакили дигар ба ивази вакили хориҷшуда гузаронида намешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

**Моддаи 48(1). Гузаронидани интихобот дар воҳидҳои марзию маъмурии навташкил**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087, аз 03.01.2024 № 2016)*

Интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар воҳидҳои марзию маъмурии навташкил дар сурате гузаронида мешавад, ки даъвати Маҷлиси маҳаллӣ вобаста ба иштирок надоштан ва ё шумораи ками вакилони Маҷлиси вакилони халқи дахлдор, ки ба ҳайати воҳиди марзию маъмурии навташкил дохил мешаванд, ғайриимкон аст.

Интихоботи вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз тарафи комиссияҳои интихоботии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ на дертар аз ду моҳи баъди ташкил шудани воҳиди марзию маъмурӣ, бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни конститутсионии мазкур гузаронида мешавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 49. Маблағгузории интихобот**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*

Маблағгузории ташкил ва гузаронидани интихобот ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аз ҳисоби Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ихтиёрӣ гузаронидани интихоботро маблағгузорӣ намоянд. Ин маблағ барои истифода дар ташкил ва гузаронидани интихобот комиссияҳои интихоботии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ қабул карда мешавад.

Назорати истифодаи маблағе, ки ба комиссияи интихоботии дахлдор ҷудо шудааст, инчунин назорат оид ба воридшавӣ ва сарчашмаҳои маблағгузориро комиссияи интихоботии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ амалӣ менамояд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 50. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни конститутсионии мазкур**

*(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни конститутсионии мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 26.07.2014 № 1087)*.

**Моддаи 51. Дар бораи аз эътибор соқит дониста шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ"**

Аз рӯзи мавриди амал қарор додани ҳамин Қонуни конститутсионӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1994 "Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисхои маҳаллии вакилони халқ" (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994, № 23-24) аз эътибор соқит дониста шавад *(Қонуни конститутсионии ҶТ аз 03.01.2024 № 2016)*.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. РАҲМОНОВ
ш.Душанбе
аз 10 декабри соли 1999 № 858